**Бухорои шариф** нахустин рӯзнома ба забони форсии тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ. Ин рӯзнома аз 11 марти 1912 то 2 январи 1913 (10 раббеъулаввали 1330 то 23 муҳаррами 1331) дар шаҳристони Когон, наздикии Бухоро чоп ва дар минтақа мунташир мешуд. Дар чор моҳи нахуст, ҳафтае шаш шумора ва сипас ҳар ҳафта се шумора аз он интишор меёфт.

Муассиси рӯзнома Мирзо Муҳиддин Мансуров ва Мирзо Сироҷ Ҳаким, аз фаъолони Бухороиёни ҷавон буданд ва Левин – корхонадори бухороӣ – аз онон пуштибонии молиявӣ мекард. Мирзо Ҷалол Юсуфзода (1278-1350) рӯзноманигори ботаҷрибаи Озарбойҷон ва Қафқоз ва Мирзо Ғаффор, равшанфикри эронӣ, батартиб сардабир ва масъулияти ин рӯзномаро бар ӯҳда доштанд; ва Садриддин Айнӣ, Мирзо Сироҷ Ҳаким ва Абдуррауф Фитрат аз нависандагони баноми он буданд.

“Бухорои шариф” дидгоҳҳои ҷадидҳо ва равшанфикрони бухороиро инъкос мекарданд ва ҳадафи он огоҳ сохтани мардуми Бухоро аз вазъияти ҷаҳон, беҳбуди вазъи таълиму тарбият, нашри маърифати исломӣ, даъват ба ваҳдати исломӣ ва мубориза бо ҷаҳлу хурофотпарастӣ ва ташвиқи тиҷорати миллӣ буд.

Забони рӯзнома омезае аз форсии куҳани соддашуда, форсии роиҷ дар Эрон, истилоҳоти русӣ ва туркӣ ва унсурҳое аз гурӯҳи самарқандӣ-бухороии гӯйишҳои тоҷикӣ буд; ва дар он ба ғайр аз чопи навиштаҳои форсӣ ва тарҷумаҳое аз адабиёти машҳури ҷаҳон, аз ҷумла достонҳои Толстой ба забони форсии тоҷикӣ, забонҳои муҳими дунё омӯзиш дода мешуд. Навиштаҳои “Бухорои шариф” маъмулан иқтибос ё тарҷумаи матолиби нашрияҳое монанди “Ҳабал-ул-матин”, “Сироҷ-ул-ахбор”, “Вақт”, “Шӯро”, “Тарҷумон” ва “Сироти мустақим” буд, ки дар Кобул ва Калкатта мунташир мешуданд.

Ин рӯзнома, ки ба далели нашри афкори озодихоҳона ва ҷадидия, аз сӯе бо тазйиқоте аз ҷониби Амири Бухоро ва суннатгароён ва аз дигар сӯ аз тарафи русҳо рӯбарӯ буд, саранҷом пас аз нашри 153 шумора, бо тақозои намояндаи сиёсии Русияи подшоҳӣ ва ба фармони Олимхони манғит (давраи ҳукмронӣ: 1910-1920 (1329-1339)), Амири Бухоро барои ҳамеша таътил шуд.

**Сарчашмаҳо:**

1. Доиратулмаорифи адабиёт ва санъати тоҷик. Душанбе, 1988, зайли “Бухорои шариф”, (навиштаи В. Самад, ба хатти сирилӣ);

2. Ш. Саидов. Инкишофи матбуоти Тоҷикистон, Душанбе, 1967, (ба хатти сирилӣ);

3. З. Саидов. Ӯзбек вақтли матбуот таърихчага материаллар, Тошканд ва Самарқанд, 1927, саҳ. 43 ба баъд;

4. А. Усмонов. Ёрдамчии содиқи ҳизб, Душанбе, 1975, (ба хатти сирилӣ);

5. Ҷ. Усмонов. Матбуоти Тоҷикистони шӯравӣ, Душанбе, 1972, (ба хатти сирилӣ);

6. А. Исматӣ. Як нигоҳ ба матбуоти инқилобии тоҷик, Роҳбари дониш, 9 (1929), саҳ. 3-5;

7. Садриддин Айнӣ. Акнун навбати қалам аст, ҷ. 2, Душанбе, 1978, (ба хатти сирилӣ);

8. Ҳамон. Бухоро инқилоби учун материаллар, Москва, 1926;

9. Ҳамон. Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Тошканд, 1923;

10. Ҳамон. Куллиёт, ҷ. 10, Душанбе, 1966, (ба хатти сирилӣ);

11. Ҳамон. Намунаи адабиёти тоҷик, Москва, 1926;

12. А. Мираҳмадов, В. Самад. Тафсири як ишораи Айнӣ, Садои Шарқ, № 10 (1986), саҳ. 111-119;

13. Encyclopaedia Iranica, s.v. “Bokhara-ye sharif” (by Michael Zand).

***Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ***

***Донишномаи ҷаҳони ислом, ҷилди 1, саҳ. 612 (ба форсӣ)***

***(Бунёди Доиратулмаорифи исломӣ)***